**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ба диссертатсияи номзадии Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи “Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 - Адабиётшиносӣ (10.01. 01. – Адабиёти тоҷик) пешниҳод шудааст.**

Зуҳури устоди мусаллами адабиёти муосири тоҷик Садриддин Саидмуродзода Айнӣ (27.04.1878-15.06.1954) дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва адабию фарҳангии халқу миллати мо таҳаввулу тағйироти азиме ба вуҷуд овард. Ҳамин падидаи муҳимми иҷтимоию адабии дар воқеъ, барои ҷомеаи нави тоҷикон аз ҳар нигоҳ арзишманд мунҷар ба он гардид, ки дар таърихи адабиёти тоҷик соҳаи мустақили айнишиносӣ ба вуҷуд ояд ва мустақиман ба баррасии фарогиру арзёбии замон, рӯзгор ва хусусиятҳои мундариҷавию сохтории осори нависанда пардозад. Бино ба таҳқиқи айнишиносони ворид дар ин самт, назари адибону муҳаққиқон ба эҷодиёти устод аз замони машғул ба эҷоди осори бадеӣ гардидани ӯ оғоз гардида, вале ҳамчун илм айнишиносӣ пас аз ба вуҷуд омадани асарҳои алоҳидаи таҳқиқӣ роҷеъ ба осори таълифии устод дар замони шуравӣ ба арсаи зуҳур расидааст. Дар ин маврид таъкиди яке аз муҳаққиқони рӯзгору осори устод И.С. Брангинский боз ҳам мушаххастар аст: “Айнишиносӣ истилоҳи хосест, ки вазъи воқеии омӯзиши ҳаматарафаи ҳаёт ва осори Садриддин Айниро тақрибан аз соли 1935 ба ин тараф дақиқ ифода мекунад”. Диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём ба баррасию таҳқиқи ҷанбаҳои ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон ихтисос ёфтааст. Аҳаммияти кори диссертатсионии мавриди гуфтугӯ, пеш аз ҳама, дар он ифода гардидааст, ки бори аввал муаллиф айнишиносии тоҷикро ба се марҳилаи асосӣ ҷудо намуда, ҳар кадоми онро дар фаслҳои алоҳидаи боби нахусти рисола мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки ҳар марҳила ҳам аз лиҳози замонӣ (хронологӣ) ва ҳам муҳтаво ва каммию кайфӣ мантиқӣ ва илмӣ мебошад. Инчунин паҳлуҳои назарии мавзуъ дар фаслҳои боби дувуми рисола роҷеъ ба таҳқиқи хусусиятҳои мундариҷавӣ ва ғоявии осори нависанда ва ҷустуҷӯҳои бадеии Айнӣ дар айнишиносӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Арзёбии фаъолияти адабиётшиносӣ, таҳқиқи дидгоҳҳои забоншиносии устод Айнӣ ва таҳлилу

баррасии таърихнигории эшон дар боби охири рисола ба баррасӣ расидааст, ки аз дастовардҳои муҳимми илмии муаллиф ба ҳисоб меравbooнд.

Навоварии илмии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал марҳалаҳои ташаккул ва таҳаввули айнишиносии тоҷик ба таври густурда таҳқиқ ва арзёбӣ ва дар заминаи таҷрибаи донишмандони тоҷик моҳият ва равишҳои мусбат ва манфии айнишиносӣ дар Тоҷикистон муайян ва тарзи ҳаллу фасли масъалаҳои рӯзгор ва осори Айнӣ бо назардошти дастовардҳои навини афкори таърихиву адабӣ дар алоқамандӣ бо ҷараёни инкишофи адабиётшиносии навин таҳлилу арзёбӣ ва мушаххас гардидааст.

Маводи диссертатсия ва дастовардҳои илмии таҳқиқро метавон барои таълифи таърихи адабиёти тоҷик истифода кард. Ҳамчунин натиҷаҳои пажӯҳишро барои таҳқиқотҳои минбаъда оид ба айнишиносӣ, таҳия ва нашри матни интиқодии осори нависанда, навиштан ва мураттаб сохтани китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, суханрониҳо аз боби масъалаҳои назарӣ ва амалии таҳқиқоти типологӣ оид ба рӯзгор ва осори Айнӣ дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва донишгоҳҳои олӣ ба кор бурд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва арзёбии амиқи масъалаи ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон, ҷамъоварии маводи фаровони сарчашмаҳои адабию таърихӣ, омӯзиши назарияҳои донишмандони соҳа оид ба тадқиқоти типологӣ ва корбасти таҷрибаҳои муфид дар ин замина, муайян кардани хусусиятҳои усулии равишҳои пажӯҳишӣ дар айнишиносии тоҷик, омода намудани мақолаву маърузаҳо ва нашри рисола доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи заҳмати чандсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи мукаммал ба анҷом расидааст.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01. 01 – Адабиёти тоҷик) мувофиқ мебошад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф хулосаҳои асосии диссертатсия дар 7 мақола, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзуи диссертатсия бевосита алоқаманд мебошанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои

нашркардаи унвончӯ мазмуну мухтавои диссертатсияро фаро мегиранд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқии муаллиф ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01. 01. – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Сироҷзода Ҷамолиддин Қиём дар мавзуи “Ташаккул ва таҳаввули айнишиносӣ дар Тоҷикистон” аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01. 01 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои дессертатсионии 6D. КОА-067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул гардад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зерро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

- **Муҳаммадизода Қарор Муҳаммадӣ** – номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии ба номи Сотим Улуғзода пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва тавзеъ гардидани он ба нишониҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Мақсудзода Б.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви шурои диссертатсионӣ Солеҳов М.О.

доктори илми филология,
ташхисгари беруна Қосимзода С.С.
«18» декабри соли 2024